МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Китобчаи ТЕСТ | 2024

**Қисми Б.5-2**

**Варианти**

☑ Забони тоҷикӣ

☑ Биология

☑ Химия

**2**

## ДАСТУР

Саволнома аз се субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **биология** ва **химия**. Субтести **забони тоҷикӣ** 20 саволу масъала, субтести **биология** 21 саволу масъала ва субтести **химия** 23 саволу масъаларо дар бар мегирад.

**Саволу масъалаҳои тест дар ду навъ таҳия шудаанд:** саволу масъалаҳои пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва кушода.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктоаш дуруст аст.

| ! | *Масалан, агар Шумо варианти “B”-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:* | **A B C D**<br>○●○○ |
|---|---|---|

Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла, формула, функсия ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

| ! | *Масалан, агар ба унсури “A”, ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури “B” рақами 4, ба унсури “C” рақами 1 ва ба унсури “D” рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:* | **1 2 3 4 5**<br>**A** ○●○○○<br>**B** ○○○●○<br>**C** ●○○○○<br>**D** ○○○○● |
|---|---|---|

Ҷавоби **саволу масъалаи кушода** рақам(ҳо) мебоша(н)д, ки дар катаки махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешава(н)д. Воҳидҳои ченак, ба мисли л, г, % ва ғайра дар варақаи ҷавобҳо **навишта намешавад**.

| ! | *Масалан, агар Шумо* ***268 л****-ро ҷавоби дурусти масъала ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо танҳо ададро нависед:* | 2 6 8 |
|---|---|---|

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **150 дақиқа** муайян шудааст.

> **!**
>
> Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи ***«Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам»*****-ро нависед** ва **имзо гузоред**.
> Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.
> Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**
> Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

> **!**
>
> Амалҳои зерин дар рафти имтиҳон МАНЪ АСТ:
> - гуфтугӯ, ёрӣ додан, халал расонидан ба ҳамдигар ва (ё) истифода кардан аз ёрии шахсони дигар дар иҷрои саволу масъалаҳои тест;
> - иваз кардани ҷойҳо ва (ё) китобчаҳои тест, варақаҳои ҷавобҳо ва ҳар гуна навиштаҳои ҳамдигар;
> - гузоштани қайду ишораҳои ба имтиҳон дахлнадошта дар варақаи ҷавобҳо, аз ҷумла, дар ҳошияҳои он;
> - аз синфхона баровардани варақаи ҷавобҳо ва (ё) маводи дигари барои баргузории имтиҳон пешбинишуда.
>
> Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот мутасаддиён ҳуқуқи аз имтиҳон хориҷ кардани Шуморо доранд.

### ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навиштошуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

| ! | Варақаи ҷавобҳо такроран дода намешавад. |
|---|---|

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Дар кадом калима ташдид мушоҳида мешавад?**

A) каммазмун
B) калиддон
C) ёддошт
D) заррин

**2** **Дар кадом калима имлои ҳарфи ӯ нодуруст аст?**

A) кӯрак
B) кӯҳан
C) зӯран
D) дӯғоб

**3** **Аз рӯйи мазмуни байт ҳаммаъноҳои калимаи *мутриб*ро муайян намоед:**

***Мутриби хушнаво бигӯ, тоза ба тоза, нав ба нав,***
***Бодаи дилкушо биҷӯ, тоза ба тоза, нав ба нав.*** Ҳофизи Шерозӣ

A) гӯянда ва ҷӯянда
B) хонанда ва бинанда
C) навозанда ва сароянда
D) гӯянда ва шунаванда

**4** **Кадом воҳиди фразеологӣ маънои *таҳқир кардан, шарманда кардан*ро дорад?**

A) касеро хорӣ додан
B) хории касе омадан
C) бе хонумон кардан
D) хору мол намудан

**5** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Занак дам берун мебаромад, дам хона медаромад ва ...*** С. Улуғзода

A) болои сӯхта намакоб мешуд
B) ҷойи нишастан намеёфт
C) коҳи кухнаро бод мекард
D) бандагиро ба ҷо меовард

**6** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Ҳамаи он комёбию дастовардҳои ақлию моддиеро, ки инсоният дар давоми таърихи мавҷудияти худ ноил гардидааст, фарҳанг меноманд.***

***Фарҳанг ҷанбаи умумибашарӣ ва хусусияти миллӣ дорад. Фарҳанги миллӣ ҳамон комёбиҳои зеҳнию моддӣ аст, ки ин ё он халқу миллат дар давоми таърихи мавҷудияти худ то имрӯз ба даст овардааст.***

A) расмӣ-коргузорӣ
B) публитсистӣ
C) илмӣ
D) бадеӣ

**7** **Исмҳои дар қолаби *шумора + исм* сохташударо муайян намоед:**

A) чоряк, шашяк
B) садбарг, дутор
C) сесад, панҷсад
D) панҷгир, панҷум

**8** **Дар байти зерин калимаи “*беадаб*” чӣ хел сифат аст?**

***Беадаб танҳо на худро дошт бад,***
***Балки оташ бар ҳама офоқ зад.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** мураккаб
**B)** таркибӣ
**C)** сохта
**D)** сода

**9** **Асоси замони ҳозираи феълҳои *шукуфтан* ва *шикофтан*ро нишон диҳед:**

**A)** шукуф, шикоф
**B)** шукуфт, шикофт
**C)** бишкуфт, бишкофт
**D)** мешукуфт, мешикофт

**10** **Ба ҷои сенуқта *ҳиссачаи мувофиқ* гузоред:**

***– Оҳ, ту ... Гулнор нестӣ?! – гуфта як қад парид зани жӯлидамӯ.*** С. Айнӣ

**A)** эҳтимол
**B)** охир
**C)** наход
**D)** магар

**11** **Ҷузъи асосии иборaҳои “*то замин овезон*” ва “*то нисф холӣ*” кадом ҳиссаи нутқ аст?**

**A)** зарф
**B)** сифат
**C)** феъл
**D)** пешоянд

**12** **Ҷумлаи унвониро муайян кунед:**

**A)** Шамоли сахт вазид.
**B)** – Ба он ҷо кӣ рафт?
– Падарам...
**C)** Шаби торики зимистон.
**D)** Хомӯшӣ ҳукмфармо буд.

**13** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанг, тобиш) муайян кунед:**

***Қадам бебоктар неҳ бар ҳарими ҷони муштоқон...*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** ҳикоягӣ
**B)** саволӣ
**C)** хитобӣ
**D)** амрӣ

**14** **Ҷумлаи мураккабро пурра намоед:**

***Оби зулоли чашма ширгарм буд ва ...*** Ф. Ниёзӣ

**A)** рӯйи он буғи тунук нарм-нарм печ мезад
**B)** ӯ муштaшро газида бесадо мегирист
**C)** ман аз дунболи онҳо равон шудам
**D)** чодар аз тути шаҳдбор пур мешуд

**15** **Байти зерини Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кадом маъниро бозгӯ мекунад?**

***Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,***
***Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.***

**A)** Дар зиндагӣ таҷрибаомӯз бош.
**B)** Ҷаҳонро ба чашми хирад бингар.
**C)** Таҷрибаи рӯзгор беҳтарин омӯзгор аст.
**D)** Ҳаводисро аз сар гузарон, то таҷриба омӯзӣ.

**16** **Таркибҳои ҷуфтро муайян намоед:**

**A)** сӯзу
**B)** ҳавою
**C)** дашту
**D)** ҷидду

**1)** гудоз
**2)** ҷаҳд
**3)** ҳавас
**4)** бадал
**5)** даман

**17** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Нагузашт он маҳу зор аст Ҳилолӣ ба раҳаш,
Ҳоли ... хароб аст, ки **шоҳ**е нагузашт. Бадриддини Ҳилолӣ
**B)** Дар сари ҳарфи рақиб аз бари ман дурӣ кард,
**Ошно** бин, ки маро муфт ба ... фурӯхт. А. Лоҳутӣ
**C)** Кард бо ...он ёрӣ,
Бо **ситамгар**он ситамкорӣ. Низомии Ганҷавӣ
**D)** Хонае ҳафту ҳашт бо ӯ хеш,
Он ... буд, он дигар **дарвеш**. Низомии Ганҷавӣ

**1)** бегона
**2)** фақир
**3)** тавонгар
**4)** дарвеш
**5)** додпарвар

**18** **Аз решаи калимаҳо бо пасвандҳои мувофиқ калимаи нав созед:**

**A)** деҳқон
**B)** хона
**C)** зан
**D)** ғам

**1)** -гона
**2)** -она
**3)** -гин
**4)** -гӣ
**5)** -ӣ

**19** **Аз калима ва сифатҳои феълӣ ибора созед:**

**A)** кас
**B)** хишт
**C)** нақша
**D)** масъала

**1)** ҳал мешудагӣ
**2)** иҷро мешудагӣ
**3)** рехта мешудагӣ
**4)** касро мешинохтагӣ
**5)** нигоҳубин мекардагӣ

**20** **Мазмуни панду андарзҳои Аттори Нишопуриро муайян намоед:**

**A)** Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,
Нарму ширин гӯй бо мардум калом!
**B)** Ҳар ки ӯро маърифат ҳосил нашуд,
Ҳеҷ бар мақсуди худ восил нашуд.
**C)** Ҳар ки дорад донишу ақлу тамиз,
Аҳли ақлу илмро дорад азиз.
**D)** Ҳар ки по аз ҳадди худ бартар ниҳад,
Сар диҳад бар боду тан бар сар ниҳад.

**1)** Касе, ки андоза нигаҳ надорад, ба балоҳо гирифтор ояд.
**2)** Касе, ки аз донишу хирад ва одоб баҳравар аст, олимонро гиромӣ медорад.
**3)** Касе, ки аз дониш дур аст, муродаш ҳосил нашавад.
**4)** Аз ақл кор бигир ва бо ҳама сухан бо муҳаббат гӯй.
**5)** Касе, ки дар ҳаққи бузургон бадгӯӣ кунад, мардум аз ӯ рӯй гардонанд.

**1** **Ковокиҳои узвҳои дохилии одамро кадом бофта мепӯшонад?**

A) асабӣ
B) васлкунанда
C) мушакӣ
D) эпителӣ

**2** **Кадом қисми устухон узви хунофар ба ҳисоб меравад?**

A) моддаи зич
B) мағзи сурхи устухон
C) мағзи зарди устухон
D) устухонпарда

**3** **Вазни дили одам ба ҳисоби миёна чанд граммро ташкил медиҳад?**

A) 300-350 гр
B) 100-150 гр
C) 150-200 гр
D) 250-300 гр

**4** **Кадом дарича байни даҳлези чап ва меъдачаи чап воқеъ гардидааст?**

A) ҳилолшакл
B) седара
C) дудара
D) якдара

**5** **Ҳароммағз ҳамчун таркибияти куҳантарини системаи марказии асаб дар кучо ҷойгир шудааст?**

A) дар қабати зериқишрӣ
B) дар канали сутунмуҳра
C) дар холигиҳои умумӣ
D) дар қабати қишрӣ

**6** **Кадом организмҳо ба сифати ғизо танҳо растаниҳоро истифода менамоянд?**

A) бактериофагҳо
B) сапрофагҳо
C) капрофагҳо
D) фитофагҳо

**7** **Ба омили абиотии экологӣ чӣ мансуб аст?**

A) мавҷудияти даррандаҳо
B) ҳарорат
C) миқдори муфтхӯрҳо
D) мавҷудияти наботот

**8** **Хитин ба рӯйпӯши бадани бандпойҳо чӣ гуна хусусият медиҳад?**

A) луобӣ
B) шаффофӣ
C) сахтӣ
D) нафисӣ

**9** **Кадом намояндаи ҳалқакирмҳои баҳрӣ дар расм тасвир ёфтааст?**



A) анфитрира
B) серпула
C) нереида
D) нереис

**10** **Намояндаи синфи нармбаданҳои дупалларо муайян намоед.**

A) коретис
B) аргонавт
C) устритса
D) калмар

**11** **Кадом ширхӯрон меъдаи мураккаб доранд?**

A) кавшанакунанда
B) кавшакунанда
C) тоқсумон
D) приматҳо

**12** **Себарга ба кадом оилаи растаниҳо мансуб аст?**

A) Лабгулҳо
B) Хӯшадорон
C) Лӯбиёиҳо
D) Занбақиҳо

**13** **Аломати асосии растаниҳои дупалла кадом аст?**

A) мавҷуд будани ду тухмпалла дар ҷанин
B) доштани барги рагрониаш тӯршакл
C) доштани системаи решаи тирреша
D) мавҷуд будани поя, барг ва реша

**14** **Дар ҳуҷайраҳои прокариотӣ кадом органелла мавҷуд аст?**

A) маҷмаи Голҷӣ
B) ядро
C) рибосома
D) митохондрия

**15** **Намояндагони кадом оилаи растаниҳо хӯшагули сабадак доранд?**

A) Мураккабгулҳо

B) Настараниҳо

C) Чилликгулҳо

D) Авранҷиҳо

**16** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| Қисмҳои сутунмуҳра | Миқдори муҳраҳо |
|---|---|
| A) думғоза | 1) 12 муҳра |
| B) гардан | 2) 7 муҳра |
| C) қафаси сина | 3) 3 муҳра |
| D) миён | 4) 4-5 муҳра |
| | 5) 5 муҳра |

**17** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| Мамнуъгоҳ | Намуди муҳофизатшаванда |
|---|---|
| A) “Бешаи палангон” | 1) архар (гӯсфанди кӯҳӣ) |
| B) “Ромит” | 2) зубр (гови ваҳшӣ) |
| C) “Зоркӯл” | 3) бузи пармашох (морхӯр) |
| D) “Даштиҷум” | 4) гулмоҳӣ |
| | 5) оҳуи бухороӣ (холгул) |

**18** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| Синф | Намоянда |
|---|---|
| A) Сарпойҳо | 1) эвгленаи сабз |
| B) Харчангшаклон | 2) кайки обӣ |
| C) Тортанакшаклон | 3) калмар |
| D) Ҳашарот | 4) каждум |
| | 5) малах |

**19** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| Навъи тӯдагул | Оила |
|---|---|
| A) сарак | 1) Мураккабгулҳо |
| B) хӯшаи мураккаб | 2) Лӯбиёиҳо |
| C) чатраки сода | 3) Хӯшадорҳо |
| D) сабадак | 4) Настараниҳо |
| | 5) Авранҷиҳо |

**20** **Қисмҳои сохти дарунӣ ва берунии дандонро, ки дар расм бо рақамҳо ишора шудаанд, аз рӯйи тартиби зерин муайян кунед:**

*а) асаб*
*б) милк*
*в) гарданак*

**Дар натиҷаи ботартиб (пайиҳам) навиштани ҷавоб (рақамҳои мансуб ба *а, б* ва *в*) адади серақама ҳосил мешавад.**
**Дар ҷавоб ҳамин ададро нависед.**




**21** **Усулҳои сироятёбии ҳайвоноти хонагиро бо кирми ҷигармак, ки дар расм бо рақамҳо ишора шудаанд, аз рӯйи тартиби зерин муайян кунед:**




*а) кирмина*
*б) макандаи даҳонӣ*
*в) кирми болиғ*

**Дар натиҷаи ботартиб (пайиҳам) навиштани ҷавоб (рақамҳои мансуб ба *а, б* ва *в*) адади серақама ҳосил мешавад. Дар ҷавоб ҳамин ададро нависед.**

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Муодилаи реаксияи оксиду барқароршавиро муайян кунед.**

**A)** $SO_3 + 2NaOH = Na_2SO_4 + H_2O$
**B)** $BaO + H_2O = Ba(OH)_2$
**C)** $Fe_2O_3 + 3C = 3CO + 2Fe$
**D)** $Cr_2O_3 + 3SO_3 = Cr_2(SO_4)_3$

**2** **Формулаи нитрати оҳан (II).**

**A)** $Fe(NO_2)_2$
**B)** $Fe(NO_3)_3$
**C)** $Fe(NO_2)_3$
**D)** $Fe(NO_3)_2$

**3** **Дараҷаи оксидшавии бромро дар $HBrO_3$ муайян намоед.**

**A)** +6
**B)** +3
**C)** –1
**D)** +5

**4** **Барои зиёд кардани баромади аммиак дар реаксияи $N_2 + 3H_2 \rightleftarrows 2NH_3 + Q$ кадом амалро иҷро намудан зарур аст?**

**A)** паст кардани ҳарорат
**B)** илова кардани аммиак
**C)** паст кардани фишор
**D)** илова кардани катализатор

<u>**Ҷой барои сиёҳнавис**</u>

**5** **Дар кадом модда бандҳои ионӣ ва ковалентии беқутб мавҷуд аст?**

A) $Na_2O_2$

B) $H_2CO_3$

C) $C_2H_6$

D) NaOH

**6** **Дар кадом қатор элементҳо бо зиёдшавии хосияти ғайриметаллиашон ҷойгир шудаанд?**

A) C → N → O

B) O → S → Se

C) N → P → As

D) Cl → S → P

**7** **Ҳангоми диссотсиатсияи ҳидроксиди оҳан (III) аз рӯйи зинаи якум кадом катион ҳосил мешавад?**

A) $Fe(OH)_2^+$

B) $Fe^{3+}$

C) $FeOH^{2+}$

D) $FeOH^+$

**8** **Барои таҳшин намудани ионҳои хлор аз маҳлули $CaCl_2$ ба он чӣ илова кардан лозим аст?**

A) карбонати натрий

B) оксиди карбон (IV)

C) нитрати нуқра

D) кислотаи сулфат

**<u>Ҷой барои сиёҳнавис</u>**

**9** **Барои ҳал кардани оксиди мис (II) кадом моддаро истифода бурдан мумкин аст?**

**A)** $K_2SO_4$

**B)** $H_2O$

**C)** NaOH

**D)** HCl

**10** **Бо маҳлули ҳидроксиди калий кадом модда ба реаксия дохил мешавад?**

**A)** алюминий

**B)** ҳидроген

**C)** нитроген

**D)** магний

**11** **Кадом модда нурии минералӣ аст?**

**A)** $H_2SO_4$

**B)** $Mg(HCO_3)_2$

**C)** $C_6H_{12}O_6$

**D)** $NH_4NO_3$

**12** **Ҳангоми электролизи маҳлули NaCl дар катод кадом модда ҳосил мешавад?**

**A)** $O_2$

**B)** $Cl_2$

**C)** Na

**D)** $H_2$

**Ҷой барои сиёҳнавис**

**13** **Дар нақшаи табдилоти**

$$Cu \xrightarrow{+X} CuCl_2 \xrightarrow{+Y} Cu(NO_3)_2$$

**моддаҳои X ва Y-ро мувофиқан муайян кунед.**

**A)** KCl ва $HNO_3$
**B)** $HgCl_2$ ва $AgNO_3$
**C)** $Cl_2$ ва $KNO_3$
**D)** HCl ва $Pb(NO_3)_2$

**14** **Дар муодилаи реаксияи $2KNO_2 + 2KI + 2H_2SO_4 = 2X + 2K_2SO_4 + I_2 + 2H_2O$ моддаи X-ро муайян кунед.**

**A)** $N_2$
**B)** $NH_3$
**C)** $KNO_3$
**D)** NO

**15** **Дар кадом реаксия нитроген барқароркунанда аст?**

**A)** $N_2 + O_2 \rightarrow NO$
**B)** $N_2 + Ca \rightarrow Ca_3N_2$
**C)** $N_2 + H_2 \rightarrow NH_3$
**D)** $N_2 + Li \rightarrow Li_3N$

**16** **Карбоҳидрогени $C_7H_8$ ба кадом синф мансуб аст?**

**A)** алкенҳо
**B)** алканҳо
**C)** алкинҳо
**D)** аренҳо

**<u>Ҷой барои сиёҳнавис</u>**

**17** **7 г этен бо чанд грамм бром пайваст мешавад?**

**A)** 60
**B)** 20
**C)** 40
**D)** 80

**18** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** намаки миёна | **1)** $K_3[Cr(OH)_6]$ |
| **B)** намаки дучанда | **2)** $K_2Cr_2O_7$ |
| **C)** намаки асосӣ | **3)** $CrOHCl_2$ |
| **D)** намаки турш | **4)** $NH_4Cr(SO_4)_2$ |
| | **5)** $CrHPO_4$ |

**19** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** адади электронҳои атоми F | **1)** 10 |
| **B)** адади нейтронҳои атоми $^{23}Na$ | **2)** 12 |
| **C)** адади электронҳои иони $OH^-$ | **3)** 11 |
| **D)** адади протонҳои иони $Na^+$ | **4)** 9 |
| | **5)** 8 |

**Ҷой барои сиёҳнавис**

**20** **Мувофиқати моддаҳои аввала ва маҳсули реаксияро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** $CaO + H_2O \rightarrow$ | **1)** $CaSO_4 + H_2O$ |
| **B)** $CaO + H_2CO_3 \rightarrow$ | **2)** $Ca(HSO_4)_2 + H_2O$ |
| **C)** $CaO + H_2SO_4$ (барзиёд) $\rightarrow$ | **3)** $Ca(OH)_2$ |
| **D)** $CaO + CO_2 \rightarrow$ | **4)** $CaCO_3 + H_2O$ |
| | **5)** $CaCO_3$ |

**21** **Ҳангоми сӯхтани 216 г алюминий мувофиқи реаксияи термохимиявии $2Al + 1{,}5O_2 = Al_2O_3 + 1640$ кҶ чанд кҶ гармӣ хориҷ мешавад?**

**22** **16 грамм карбонати натрийро дар чанд грамм об ҳал кардан лозим аст, то ки ҳиссаи массаи намак дар маҳлули ҳосилшуда 5%-ро ташкил диҳад?**

**23** **Дар натиҷаи ҳал кардани 270 г нуқра дар кислотаи сулфати консентронида чанд литр (ш. м.) газ ҳосил мешавад?**

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**Ҷой барои сиёҳнавис**

## ҶАДВАЛИ ДАВРИИ ЭЛЕМЕНТҲОИ ХИМИЯВИИ Д. И. МЕНДЕЛЕЕВ

| ДАВРҲО | ГУРӮҲИ ЭЛЕМЕНТҲО | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | A I B | A II B | A III B | A IV B | A V B | A VI B | A VII B | A VIII | | B |
| 1 | (H) | | | | | | H 1 1.00794 Ҳидроген | He 2 4.002602 Гелий | | |
| 2 | Li 3 6.941 Литий | Be 4 9.0122 Бериллий | B 5 10.811 Бор | C 6 12.011 Карбон | N 7 14.007 Нитроген | O 8 15.999 Оксиген | F 9 18.998 Фтор | Ne 10 20.179 Неон | | |
| 3 | Na 11 22.99 Натрий | Mg 12 24.305 Магний | Al 13 26.9815 Алюминий | Si 14 28.086 Силитсий | P 15 30.974 Фосфор | S 16 32.066 Сулфур | Cl 17 35.453 Хлор | Ar 18 39.948 Аргон | | |
| 4 | K 19 39.098 Калий | Ca 20 40.08 Калсий | 21 44.956 Sc Скандий | 22 47.90 Ti Титан | 23 50.941 V Ванадий | 24 51.996 Cr Хром | 25 54.938 Mn Манган | 26 55.847 Fe Оҳан | 27 58.933 Co Кобалт | 28 58.70 Ni Никел |
| | 29 63.546 Cu Мис | 30 65.39 Zn Руҳ | Ga 31 69.72 Галий | Ge 32 72.59 Германий | As 33 74.992 Арсен | Se 34 78.96 Селен | Br 35 79.904 Бром | Kr 36 83.80 Криптон | | |
| 5 | Rb 37 85.468 Рубидий | Sr 38 87.62 Стронсий | 39 88.906 Y Иттрий | 40 91.22 Zr Сирконий | 41 92.906 Nb Ниобий | 42 95.94 Mo Молибден | 43 97.91 Tc Технетсий | 44 101.07 Ru Рутений | 45 102.906 Rh Родий | 46 106.4 Pd Палладий |
| | 47 107.868 Ag Нуқра | 48 112.41 Cd Кадмий | In 49 114.82 Индий | Sn 50 118.71 Қалъагӣ | Sb 51 121.75 Сурма | Te 52 127.60 Теллур | I 53 126.9045 Йод | Xe 54 131.29 Ксенон | | |
| 6 | Cs 55 132.905 Сезий | Ba 56 137.33 Барий | 57 138.9055 La* Лантан | 72 178.49 Hf Гафний | 73 180.9479 Ta Тантал | 74 183.85 W Волфрам | 75 186.207 Re Рений | 76 190.2 Os Осмий | 77 192.22 Ir Иридий | 78 195.08 Pt Платина |
| | 79 196.967 Au Тилло | 80 200.59 Hg Симоб | Tl 81 204.38 Таллий | Pb 82 207.19 Сурб | Bi 83 208.980 Висмут | Po 84 209.98 Полоний | At 85 209.99 Астат | Rn 86 [222] Радон | | |
| 7 | Fr 87 [223] Франсий | Ra 88 [226] Радий | 89 [227] Ac** Актиний | 104 [261] Rf Резерфордий | 105 [262] Db Дубний | 106 [263] Sg Сиборгий | 107 [262] Bh Борий | 108 [265] Hs Хассий | 109 [266] Mt Мейтнерий | 110 [272] Ds Дармштадтий |
| ФОРМУЛАҲОИ ОКСИДҲОИ ОЛӢ | $R_2O$ | $RO$ | $R_2O_3$ | $RO_2$ | $R_2O_5$ | $RO_3$ | $R_2O_7$ | $RO_4$ | | |
| ФОРМУЛАҲОИ ПАЙВАСТҲОИ ГИДРОГЕНИИ БУҒШАВАНДА | | | | $RH_4$ | $RH_3$ | $RH_2$ | $RH$ | | | |

Аломати элемент — Рақами тартибӣ — Ar 18 39.948 Аргон — Номи элемент — Массаи атомии нисбӣ

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ЛАНТАНОИДҲО* | 58 140.12 Ce Серий | 59 140.908 Pr Празеодим | 60 144.24 Nd Неодим | 61 144.91 Pm Прометий | 62 150.36 Sm Самарий | 63 151.96 Eu Европий | 64 157.25 Gd Гадолиний | 65 158.926 Tb Тербий | 66 162.50 Dy Диспрозий | 67 164.930 Ho Голмий | 68 167.26 Er Эрбий | 69 168.934 Tm Тулий | 70 173.04 Yb Иттербий | 71 174.967 Lu Лютетсий |
| АКТИНОИДҲО** | 90 232.038 Th Торий | 91 231.04 Pa Протактиний | 92 238.03 U Уран | 93 237.05 Np Нептуний | 94 244.06 Pu Плутоний | 95 243.06 Am Америтсий | 96 247.07 Cm Кюрий | 97 247.07 Bk Берклий | 98 251.08 Cf Калифорний | 99 252.08 Es Энштейний | 100 257.10 Fm Фермий | 101 258.10 Md Менделевий | 102 259.10 No Нобелий | 103 260.10 Lr Лауренсий |

## Ҷадвали ҳалшавандагии кислотаҳо, асосҳо ва намакҳо дар об

| Ионҳо | $H^+$ | $Li^+$ | $K^+$ | $Na^+$ | $NH_4^+$ | $Mg^{2+}$ | $Ca^{2+}$ | $Ba^{2+}$ | $Sr^{2+}$ | $Al^{3+}$ | $Cr^{3+}$ | $Fe^{2+}$ | $Fe^{3+}$ | $Zn^{2+}$ | $Ag^+$ | $Pb^{2+}$ | $Cu^{2+}$ | $Hg^+$ | $Hg^{2+}$ | $Mn^{2+}$ | $Sn^{2+}$ | $Ni^{2+}$ | $Co^{2+}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $OH^-$ | | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | — | Кҳ | Ҳн | — | — | Ҳн | Ҳн | Кҳ | Ҳн |
| $F^-$ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Кҳ | Кҳ | Кҳ | Ҳ | Кҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Г | Г | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ |
| $Cl^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Ҳн | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ |
| $Br^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ |
| $I^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | — | Ҳ | Ҳн | Кҳ | — | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ |
| $S^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Г | Г | Ҳ | Ҳн | Г | Г | Ҳн | Г | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | — | Ҳн | Кҳ | Ҳн | Ҳн | Кҳ |
| $SO_3^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | — | — | Г | — | Ҳн | Ҳн | Ҳн | — | — | Ҳн | Ҳн | — | Ҳн | Ҳн |
| $SO_4^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Кҳ | Ҳ | Кҳ | Г | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ |
| $PO_4^{3-}$ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Кҳ | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн |
| $CO_3^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Ҳн | Кҳ | — | — | Ҳн | — | Ҳн | Кҳ | Ҳн | Г | Ҳн | — | Ҳн | — | Ҳн | Ҳн |
| $SiO_3^{2-}$ | Ҳн | Ҳн | Ҳ | Ҳ | — | Г | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Г | Г | Г | Г | Г | — | Г | Г | — | — | Г | Г | Г | Г |
| $NO_3^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ |
| $AcO^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ |
| $CrO_4^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Кҳ | Г | Г | Г | Г | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Г | Ҳн | Ҳн |
| $ClO_4^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ |

*Аломатҳои шартӣ:*

**AcO** $^-$ – иони атсетат $CH_3COO^-$; «**Ҳ**» – ҳалшаванда (> 1 г дар 100 г об); «**Кҳ**» – камҳалшаванда (0,001–1 г дар 100 г об); «**Ҳн**» – ҳалнашаванда (< 0,001 г дар 100 г об); «**Г**» – гидролиз мешавад, «**–**» – модда ҳосил нашудааст.

**ҚАТОРИ ЭЛЕКТРОХИМИЯВИИ ШИДДАТИ МЕТАЛЛҲО:**

**Li, K, Ba, Ca, Na, Mg, Zn, Cr, Fe, Co, Sn, Pb (H), Cu, Hg, Ag, Au**

←